# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Азимӣ Саламат дар мавзӯи «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст.**

1. Ҷумҳурии Исломии Афғонистон кишварест, ки зиёда аз чил сол боз ноамнӣ ва ҷанги хонумонсӯз онро фаро гирифтааст. Бар асари ин ноором иҳо факр, бечорагӣ, ҷаҳлу бесаводӣ домангири насли ин сарзамин гаштааст. Бо ин сабабҳо ҷинояту ҷиноят корӣ дар ҷомеа рушд намуда, зулму ситам афзун гардидааст. Дар ин шароит ҳокимияти марказӣ салоҳияти худро қисман аз даст дода, дар натиҷа аҳли ҷомеа имкони ба меъёрҳои Шариат ва урфу одатҳои анъанавӣ баргаштанро пайдо намуд. Дар ин асос ҷиноят корон мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии мусулмонӣ мавриди татбиқи ҷазо қарор гирифта, ба онҳо ҷазоҳои ҷисмонӣ, аз қабили сангсор, буридани дасту пой ё дигар навъҳои узвмаъюбкунӣ, ки дар Қуръон ва дигар манбаъҳои шаръӣ зикр шудаанд, татбиқ карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки бознигарии қонунгузории ҷиноятӣ яке аз уҳдадориҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар Конфронси Лондон буд, ки ба асоси он тарҳи Кодекси ҷазои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз он замон то кунун ба унвони яке аз авлавиятҳои Афғонистон дар чорчӯби таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ қарор дошт. Бо дарназардошти ин 2 марти соли 2017 Кодекси ҷазои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (минбаъд-КҶ ҶИА) қабул гардид, ки он аз ду китоб ва шонздаҳ боб (китоби аввал дорои чаҳор боб ва китоби дувум, дорои дувоздаҳ боб) ва ҳар боб дорои фаслҳо буда дарбаргирандаи 940 модда мебошад. Тибқи ҳукми м. 3-и КҶ ҶИА аҳкоми марбути ҷиноятҳо ва ҷазоҳои таъзирӣ дар он танзим шуда, ҷиноятҳои дарбаргирандаи ҷазоҳои ҳад (ҳудуд), қассос ва дийат, ки аз

ҷумлаи ҷазоҳои шаръӣ аст, дар асоси фиқҳи ҳанафии Шариати Ислом танзим мегардад.

Дар КҶ ҶИА инкишофи рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки дар солҳои охир сурат гирифта, дар сатҳи байналмилалӣ ба ҳайси меъёрҳои қобили риоят пазируфта шудааст, мадди назар гирифта шуда, барои ҳар ҷиноят таъриф пешниҳод шавад ва ё ҳадди ақал аломатҳои он зикр ёфта, ҳуқуқи ҷазо монанди принсипи таносуби ҷиноят ва ҷазо, принсипи риояти каромати инсонӣ, принсипи шахсӣ ва фардӣ будани ҷазо ва дигар принсипҳо бояд тасреҳ ва риоя гардад. Ҳамаи ин меъёрҳо ба таҳқиқи маҷмӯӣ ниёз дошта, зарурати омӯзиши тавсифи таърихи пайдоиши онҳо, таъсири онҳо ба вазъи кунунии қонунгузории ҷиноятии Афғонистон ва роҳҳои ташаккули онро ба миён меорад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ навгонии илмии кофӣ дорад, ки бо нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳод шуда собит мегардад. Онҳо барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ дар самти институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо аҳамияти илмӣ, методологӣ ва амалӣ доранд. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ, ҳуқуқӣ, оморӣ ва амалияи судиву тафтишотӣ мустаҳкам карда шудаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти 505 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Дар он масъалаи дорои аҳамияти илмӣ, методологӣ ва амалӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳалли худро ёфтааст. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври фарох истифода шаванд, ки онҳо

саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи  3-юми марти соли 2020, таҳти № 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои  ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад, Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27-уми апрели соли 2017, таҳти № 1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Азимӣ Саламат истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавчуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳанд.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Азимӣ Саламат маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Азимӣ Саламат дар мавзӯи «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо», ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини аввали прокурори Вилояти Суғд;

– Хайров Фирдавс Мадуллоевич, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори Хадамоти огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии байни ноболиғону ҷавонони РВКД дар шаҳри Душанбе.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия - Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии “Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон” таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Маҷидзода Ҷ.З.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Назаров А.Қ.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Сафарзода Ҳ.С.